# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Расулзода Сорбон Пирмад дар мавзӯи “Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар синфҳои 10 ва 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (биология) пешниҳод гардидааст.**

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотии унвонҷӯ Расулзода С.П. аз он иборат аст, дар замони муосир таълими равиявӣ яке аз самтҳои асосии азнавсозии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Таълими тафриқавӣ ва равиявӣ дар амалигардонии низоми таълиму тарбия, рушди фардисозии таълим, муайянкунии қобилиятҳо, фаъолгардонии маърифати хонандагон, танзими сарбориҳои таълимӣ накши муҳим мебозад.

Мақсади тафриқагузории равиявӣ, мундариҷаи равиявӣ, мундариҷаи таълим бо касбисозии мақсаднок дар педагогикаи муосири тоҷик дар доираи майлу рағбатҳо, манфиатҳо, хоҳишҳо ва қобилиятҳои хонандагон бо мақсади рушди ҳадди аксари онҳо дар самти интихобшуда муайян мегардад. Аз ин рӯ, тафриқагузории равиявӣ дар таълими биология ба ошкорсозии пурраи шахсият, қобилиятҳо ва манфиатҳои озоди шахсии хонандагон, ба омодагии самараноки хонандагон ба идомаи минбаъдаи таълим аз рӯи ихтисоси интихобшуда, ба фаъолияти инфиродии касбӣ мусоидат менамояд.

Мақсади таҳқиқоти унвонҷӯ Расулзода С.П. дарёфти тадбирҳои самарабахш барои баланд бардоштани муваффақиятнокии таълими равиявӣ фанни биология барои хонандагони синфҳои 10 ва 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Ӯ дар таҳқиқоти худ ҷанбаҳои таърихии ташаккули таълимоти равиявии биологир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ватанӣ ва хориҷӣ муайян намуда, мақсад ва мазмун, таҳияи технологияи таълимоти равиявии фанҳои биологиро барои хонандагони синфҳои 10 – 11 тақвият ва асоснок намуда, принсипҳои рушди таълимоти равиявии фанҳои

биологиро дар синфҳои болоии соҳаи биология кушода дода, бо кумаки усулҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ самарабахшии технологияи таълимоти равиявии соҳаи биологияро муайян намудааст.

**Навгонии илмии диссертасия** аз он иборат аст, ки дар он бори аввал:

– аҳамият ва маънои чунин мафҳумҳои муҳими педагогӣ; "таълими равиявии биология", "курсҳои интихобии биология" тавсиф карда шуда, амсилаи (модели) назариявии самарабахши таълими хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба таълими равиявии соҳаи биология таҳия карда шудааст;

– нақшаи намунавии таълимӣ равияи табиӣ ва математикии соҳаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод шудаст.

– мафҳумҳои асосӣ вобаста ба равия ва соҳаи интихобнамудаи хонандагон таҳия ва мушаххас гардида, роҳҳо, усулҳо ва воситаҳои инфиродии таълими соҳаи биология муайян шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

–мундариҷаи фанни биологӣ барои хонандагони синфҳои 10 ва 11 асоснок карда шудааст (инсондӯстӣ, ҳамгирой, тафриқавӣ, асоснокии донишҳои илмии биологӣ);

– принсипҳои ташкили раванди таълими биология бо инобат гирифтани ҷиҳатҳои хоси таълими равиявӣ: (инфиродият, мушкилот, баҳсҳо, мустақилии хонандагон дар хулосабарориҳо, алоқаи мутақобилаи фаъолияти дастаҷамъӣ ва фардии хонандагон, қаноатмандии хонандагон аз талаботҳои маънавӣ) ва ғайраҳо муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот аз**:

– истифодаи самараноки технологияи тадриси биология дар синфҳои таълимии равиявӣ, мушаххаскунии раванди таълим (дарси проблемавӣ, лексия, сӯҳбатҳои мубоҳисавӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо, машғулиятҳои семинарӣ ва ғайра), вазифаҳои хонагии эҷодии таҳқиқотидошта, супоришҳои иловагии корҳои беруназзинфӣ (экскурсияҳо, ташкили

ҷамъияти илмии хонандагон аз биология, конфренсияҳои илмӣ, корҳои мустақилона оид ба омӯзиши адабиётҳои илмӣ;

– назорати дониши андухтаи хонандагон (тибқи таҷрибаҳои биологӣ, намоиши корҳои амалӣ, дифои рефератҳо, баҳогузорӣ оид ба мавзӯъҳои интихобшуда) ва методҳое, ки ба рушди қобилияти фикррониии мустақилонаи хонандагон мусоидат менамоянд;

– методикаи амалисозии раванди ҷараёни таълими равиявӣ дар фаъолияти амалии омӯзгорони биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар раванди тайёр намудани омӯзгорони биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат аст.

**Асоснокӣ ва муътамад будани** натиҷаҳои таҳқиқот тавассути услуби муносибати бонизом, контсепсияи илмии ташхиси педагогӣ, такя намудан ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва даврӣ (эмпирикӣ), инчунин натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ, тасдиқи мафҳумҳои дар фарзия баёнгардида, маҷмуи услубҳои, ба ҳар як марҳилаи таҳқиқот мувофиқ, таҷрибаи шахсии кори муаллиф ба сифати омӯзгор таъмин шудаанд.

Унвонҷӯ дар диссертатсияи худ нуктаҳои асосии зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:

1. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои назариявии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҷрибаи ташкили таълими равиявӣ (соҳавӣ) дар мамолики хориҷӣ наздик ва дур.

2. Асосҳои назариявии таълими равиявии биологӣ – ин ташаккули мазмуни курси равияи биологӣ, принсипҳои ташкили таълимӣ равиявӣ, ягонагии фаъолияти инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, эҷодӣ ва мустақилонаи хонандагон мебошанд.

3. Роҳҳои беҳтар ва баландтар бардоштани сатҳи равиявии таълими биология (соҳаи химия – биология), зарурати таҳияи барномаҳо, дастурҳои таълимию методӣ барои ташкили таълими равиявии хонандагон дар сатҳи гуногун, дараҷаи дониш, қобилият ва малакаҳои онҳо.

4. Коркарди намунаи технологияи ташкили таълими равиявии соҳаи биология вобаста ба шароити педагогӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогии он дар синфҳои10 ва 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки дар 186 саҳифаи чопи компютерӣ, аз ҷумла 19 ҷадвал ва 7 расм пешкаш карда шудааст. Рӯйхати адабиёт ҷамъ 174 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** муҳимияти масъала асоснок карда шуда, объект ва мавзӯи таҳқиқот, мақсад, фарзияи таҳқиқот ва муқарраротe, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, баён шудаанд. Асосҳои методологӣ ва методҳо, марҳилаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, эъимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ тавсиф шудаанд.

**Дар боби якум - «Ташаккул, рушд ва асосҳои назариявии таълими равиявии биология»** – заминаҳои таърихӣ ва асосҳои равонию педагогии таълими равиявии биология, ташкили таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, принсипҳои таълимӣ равиявӣ, вазифаҳои курсҳои интихобӣ аз фанни биология, таснифоти онҳо, моҳияти фаъолияти инфиродии таълимӣ, таълими рушддиҳанда ошкор ва пешниҳод карда шудаанд.

Унвонҷӯ дуруст таъкид кардааст, ки нақшаи таълими-появӣ барои синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ устувории таълими равиявиро талаб мекунад. Ин система бояд навъҳои таълими умумӣ, равиявӣ ва интихобиро ба ҳисоб ва дар бар гирад. Чунин тартиб ба муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки ба хонандагон якчанд самти фанҳоро пешниҳод кунад, то ин ки хонандагон худашон самт (фан) – и маъқулшудаашонро интихоб намояд.

**Дар боби дуюм - "Озмоиши самаранокии технологияи таълими равиявии (соҳаи) биология дар синфҳои 10 ва 11"** вазъи таълими равиявии биологӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ гардида,

намунаи технологияи таълими равиявӣ (соҳаи биология) барои синфҳои 10 – 11 баррасӣ шуда, алгоритми гузаронидани таҳқиқот ва натиҷаҳои таълими равиявии биология пешниҳод шуда, натиҷаҳои озмоиши технологияи таълими равиявӣ (соҳаи биология) дар синфҳои 10 – 11 мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар ин боб технологияи таълими биология дар доираи таълими равиявӣ, бо назардошти асосҳои методологӣ ва назариявии таълими равиявии биология, ки дар асоси таҳқиқи назариявӣ асоснок карда шудааст, ташкил гардид. Ҳангоми таҳияи технологияи таълимӣ равиявии биология таваҷҷуҳи асосӣ ба интихоби мазмуни таълимӣ равиявӣ зоҳир карда шуда, амсилаи сохтори мундариҷаи мавзӯъҳо (бобҳо) дар курси самти биология таҳия карда шуд.

Унвонҷӯ дуруст қайд кардааст, ки қисми бештари омӯзгорони биологияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи моҳияти таълими равиявӣ тасаввуроти умумӣ доранд, аммо байни таълими равиявӣ ва омӯзиши мушаххаси фанҳои алоҳида фаркро надида, методикаи анъанавии таълими биологияро ҷонибдорӣ мекунанд. Бинобар ин, таълим аз рӯи ҳамаи мавзӯъҳои курси биологияи умумӣ бояд дар шароити таълими равиявӣ дар атрофи назарияҳои асосӣ доир ба фанни биология (консепсияҳои ҳуҷайравӣ, хромосомӣ, ирсӣ, таҳаввулотӣ, экологӣ) ташкил карда шавад. Хонандагонро бо нуқтаҳои назари олимон, бо объектҳои мавриди омӯзиш, бо асосҳо ва моҳияти назарияҳо шинос намуда, роҳҳои татбиқи барномаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳоро нишон додан зарур аст.

Арзиши илмии натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар ҷараёни татбиқи методикаи таҳияшуда ба даст омадаанд, аз он иборат аст, ки онҳоро барои баланд бардоштани сифати азхудкунии донишҳои биологӣ ва донишҳо дар бораи касбҳо дар соҳаи биология; дар азхудкунии маҳоратҳои методологӣ, зеҳнӣ, амалиявӣ аз ҷониби хонандагон дар инкишоф додани майлу рағбат

онҳо ба озмоиши биология ва тахассусҳои биологӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки иборатанд аз:

1. Дар диссертатсия моҳият ва нақши тафаккури эҷодӣ пурра кушода нашудааст.
2. Фарқияти ташкили таълим дар муассисаҳои таълимии нав ва анъанавӣ мувофиқи мақсад мебуд.
3. Баъзе хатогиҳои имлоию китобатӣ ба назар мерасанд.
4. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар хулосаҳои умумӣ тавсияҳои мушаххас оид ба самтҳои ояндадори корҳои илмию таҳқиқоти ворид карда мешуд.

Бо вуҷуди эродҳои дар боло зикршуда, аҳамият ва арзиши илмию таҳқиқотии рисолаи муаллиф Расулзода С.П. шубҳае надорад.

Бинобар ин, дар асоси арзиши илмию амалии таҳқиқоти мазкур диссертатсияи Расулзода Сорбон Пирмад дар мавзӯи “Заминаҳои методии таълими равиявии биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (биология) барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия карда мешавад.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
мудири кафедраи биологияи умумӣ
ва МТБ – и ДДОТ ба номи С. Айнӣ Баротзода К.А.

Имзои н.и.п., дотсент Баротзода К.А. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Д. Назаров